# ШУҒЛ ВА МУҲОҶИРАТ

...Ризқи худ соҳибҳунар аз санг пайдо мекунад.

№ 11 (388) / 14 июли соли 2023

Аз январи соли 1998 нашр мешавад.

Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

www.mehnat.tj   Rrohnamo@mail.ru   +992 93-483-36-36   Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон


## НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ВАЗОРАТ ДАР ШАШ МОҲИ СОЛИ РАВОН



7 июли соли ҷорӣ дар маҷлисгоҳи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи ҳайати мушовара "Дар бораи натиҷаҳои фаъолияти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2023 ва вазифаҳо барои нимсолаи дуюми соли 2023" баргузор гардид.

Дар ҷаласа вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ Ҳасанзода Гулнора Кенҷа, мудири шуъбаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷабборзода Гулрӯ, муовинони вазир, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ, хадамот, агентӣ, муассисаҳои давлатии вазорат ва намояндагони вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок доштанд.

Доир ба натиҷаҳои фаъолияти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2023 гузориши муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ Давлатзода Қиёмиддин шунида шуд.

Дар идомаи ҷаласа мудири шуъбаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷабборзода Гулрӯ натиҷаҳои фаъолияти вазоратро дар нимсолаи якуми соли 2023 мусбат арзёбӣ намуда, дар баробари ин тақвияти корҳоро дар як қатор самтҳо таъкид намуд.

Дар фарҷоми ҷаласа ҷиҳати тақвияти фаъолият ба кормандони дастгоҳи марказии вазорат ва роҳбарони ташкилоту муассисаҳои давлатии тобеи вазорат дастуру супоришҳои мушаххас дода, қарори дахлдор қабул карда шуд.

**Гузориши фишурда аз фаъолияти вазорат дар саҳ. 4-5 манзур мегардад.**

**Ҳар шахсе, ки нангу номус дорад, худро соҳиби Ватан ва фарзанди миллат мешуморад, бояд бо сохтани иморате, бунёди корхонае, кушодани роҳе, обод кардани маконе, ҳатто шинондани дарахте аз худ нақше боқӣ гузорад. Сангеро аз сари роҳ дур афканад, дасти афтодаеро бигирад, ҳоҷати бечораеро барорад, бо амали шоистае номи худ ва номи миллатро баланд бардорад.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

**Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ: 231-49-19**


**МАСЛИҲАТ** 2

ҲУҚУҚИ МЕҲНАТИИ МАН






**РУХСАТИИ МЕҲНАТӢ** 3

МУТОБИҚИ ТАЛАБОТИ КОДЕКСИ МЕҲНАТ





**ОМӮЗА** 6

МУҲАББАТ БА КИТОБ АЗ КУҶО ОҒОЗ МЕШАВАД?






**САҲИФАИ ХОТИРМОН** 8

ДУРУСТ НАВИСЕМ




Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шуғл ва МУҲОҶИРАТ

# ЗАРФИЯТ ВА ТАВОНОИИ ИҚТИСОДӢ

Вобаста ба рушди иқтисоди миллӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (23.12.2022) таъкид карданд, ки: «Ба шарофати заҳмати содиқонаи мардуми кишвар раванди созандагиву ободкорӣ бо мааром идома ёфта, нақшаву барномаҳои пешбинигардида ҷиҳати таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони мамлакат ҳадафмандона амалӣ карда шудаанд».

Бояд гуфт, ки амалӣ гаштани ҳадафи чоруми стратегӣ, яъне саноатикунонии босуръати кишвар дар марҳалаи аввал аллакай ба пешравиҳои назаррас ноил гардид. Вобаста ба ин, аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ворид гардидани технологияҳои муосир, инчунин, дар ҷумҳурӣ ва истеҳсоли саноати мошинсозии муштарак, аз ҷумла автобусҳои ҷамъиятӣ, микроавтобусҳо, техникаҳои кишоварзӣ ва ғайра далели ин гуфтаҳост. Рушди соҳаи истеҳсолот, ҷорӣ намудани технологияи муосир яке аз масъалаҳои мубрам ва асосӣ ба ҳисоб рафта, мақоми он дар сифати маҳсулот, харҷи каму сарфаи вақт ва арзиши мол таъсири калон дорад. Ин раванд боиси рушди иқтисод ва сатҳу сифати зандагии аҳолӣ гашта, қодири ба маротиб коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ва сафи муҳоҷират мебошад.

Бо хушнудӣ гуфта метавонем, ки дастовардҳои даврони Истиқлоли давлатии кишвар аз он шаҳодат медиҳанд, ки Тоҷикистон тайи 31 сол тавонист ба яке аз кишварҳои дар созмонҳои ҷаҳонӣ соҳибминбар баромад намояд. Махсусан, ҳисси миллӣ ва ифтихори ватандӯстии аҳли ҷомеа боло рафта, соҳибкориву тиҷорат, ҷаҳонбинии мардум ва корхонаҳои муштараки хусусию давлатӣ рушд ёфт. Дар ин росто ҷойҳои нави корӣ ташкил шуда, ба самаранокии фаъолияти корхонаҳо ва афзоиши иқтисодиёт ва ғинои гардонидани буҷети давлатӣ мусоидат намуд. Дар ҷумҳурӣ корхонаҳои бузурги истеҳсоли маҳсулот ба роҳ монда шуда, дар



муддати кӯтоҳ дар бозори ҷаҳонӣ аллакай рақобатпазир гардиданд. Хушбахтона, дар корхонаҳои хурду бузурги кишвар зиёда аз 90 дар сади коргарону мутахассисонро танҳо сокинони маҳаллӣ ташкил медиҳанд, ки бархе аз онҳо таълимдидаи муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар мебошанд.

Ин ҳама самараи истиқлол ва дастгириҳои пайвастаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Тибқи дастуру супоришҳои Пешвои миллат бахри амалӣ гардидани Стратегияи миллии рушд ва расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ба рушди иқтисодиёт заминаи устувор гузошта шуд. Дар замони соҳибистиқлолӣ иқтисоди миллӣ ба муносибатҳои бозоргонӣ ворид гардида, боиси бештар ва рушду пешрафти давлат гардид. Рушди равобити иқтисодии ҷумҳурӣ бо кишварҳои хориҷӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он мустақиман ба миён омада, махсусан ба раванди содироту воридоти маҳсулот таъсир расонид.

Бо ташаббуси бевоситаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз дастоварди назарраси иқтисодӣ дар даврони Истиқлоли кишвар, ташкили Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ мебошад. Ба вуҷуд овардани тарз ва усулҳои нави муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ дар бозорҳои истеъмолии дохилӣ бахри рақобати бозорӣ, зиёд кардани маҳсулот, сифати молу маҳсулот ва рушди соҳибкории хурду миёна ба амал омада, дар умум ба афзоиши истеҳсолоти ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт боис гардиданд.

Воқеан, рушди иқтисоди миллӣ на танҳо ба ғино намудани буҷаи давлат, ҳамчунин, боло бурдани сатҳи зиндагии мардум ва коҳиш додани раванди муҳоҷират дар Тоҷикистон нақши назаррас дорад. Маҳз дар баробари рушди саноат, ҷалби сармоя ва рушди сайёҳӣ фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ боис мегардад, ки шаҳрвандон, махсусан насли ҷавони кишвар, тамоми неруи хешро бахри корҳои созандагиву ободкории Ватани хеш сафарбар намоянд.

**Ҳоким ҚУРБОНОВ,**
**сардори шуъбаи молия ва хоҷагидории Хадамоти муҳоҷират**

# ҲУҚУҚИ МЕҲНАТИИ МАН

**Суол: музди миёнаи меҳнати корманд, дар ҳолатҳои изофакорӣ, ҳангоми ба рухсатӣ баромадан ва ё кори шабона чӣ хел ҳисоб карда мешавад?**




Пеш аз ҳама бояд дарҷ намуд, ки масъалаи ҳисоби музди миёнаи меҳнат бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2007, №313 (бо тағйиротҳо) “Дар бораи Тартиби ҳисоб кардани музди миёнаи меҳнати корманд дар ҳамаи ҳолатҳо (пардохти кафолатнок ҳангоми иҷрои вазифаҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ, ҳангоми пардохти музди мӯҳлати рухсатӣ, ҳангоми пардохти музди меҳнати давраи гузаронидан ба кори дигар), ба ғайр аз музди миёнаи меҳнат ҳангоми таъйин намудани нафақа” танзим карда мешавад.

Мутобиқи банди 4 Тартиби номбурда Барои муайян намудани музди миёнаи моҳонаи меҳнат музди миёнаи якрӯза истифода мешавад. Музди миёнаи якрӯза барои пардохти маблағи рухсатӣ бо роҳи тақсими ҳамаи маблағҳои воқеии ҳисобкардашуда барои давраи 12 моҳ ё аз лаҳзаи баландшавии охирини маошҳои вазифавии амалкунанда (меъёрҳои тарифӣ) ба миқдори пурраи моҳҳои то пешниҳоди рухсатӣ ва ба коэффитсиенти 29,3 - миқдори миёнаи рӯзҳои тақвимӣ муайян карда мешавад. Ҳисоби пардохти рухсатӣ бо роҳи зарб задани музди миёнаи якрӯза ба шумораи рӯзҳои тақвимии рухсатӣ амалӣ мешавад.

Дар Тартиб дарҷ шудааст, ки музди миёнаи меҳнат барои давраи 12 моҳ. Пас вобаста ба он, ки корманд охирин маротиба кай ба рухсатии меҳнатӣ рафтааст, музди миёнаи меҳнат ҳисоб карда мешавад.

Масалан, корманд охирин маротиба моҳи августи соли 2022 ба рухсатии меҳнатии навбатӣ баромадааст ва дар соли 2023 дар моҳи май ба рухсатии меҳнатӣ мебарояд. Музди миёнаи меҳнат дар моҳҳои сентябр (аз 7 сентябр) 809,52 сомонӣ (17 рӯзи корӣ дорад. 1000 сомонӣ музди меҳнати моҳона/21 (рӯзҳои кории моҳи сентябр)*17 рӯзе, ки корманд фаъолият кардааст, баробар ба 809,52), дар моҳи октябр – 1000 сомонӣ, дар моҳи ноябр -1145 сомонӣ (дар 6 ноябр навбатдор буд - 12 соат, 1000/165*24=145,45), дар моҳи декабр – 1000 сомонӣ, дар моҳи январ 1000 сомонӣ, феврал – 1000 сомонӣ, март -1000 сомонӣ, апрел – 1000 сомонӣ. Пас моҳи сентябри соли 2022 ба инобат гирифта намешавад, пурра нест. Боқӣ 8145 дар 8 моҳ /8 пас музди миёнаи корманд баробар ба 1018 сомонӣ мебошад. 1018,12/29,3*30 рӯзи рухсатии меҳнатӣ ин баробар ба 1042 сомонӣ.

Изофакорӣ ва кори шабона чунин ҳисоб карда мешавад. Мисол: мосбон дар ҶДММ «Розиқ» тибқи басти сменавӣ моҳи январ 192 соат кор кардааст, аз он 27 соат кори изофагӣ ва 64 соаташ дар вақти шабона мебошад, музди меҳнати посбон дар як соат 6,06 сомонӣ ва дар як моҳ тибқи басти вазифа 1000 сомонӣ (1000/165=6,06 сомонӣ) муайян шудааст.

Музди меҳнати корманд дар моҳи май бо назардошти иловапулӣ барои кори шабона чунин ҳисоб карда мешавад:

- 1000/165=6,06 сомонӣ * 27 * 2 = 327,2 сомонӣ иловапулӣ барои кори изофагӣ;
- 1000/165=6,06 сомонӣ*64*50%= 193,9 сомонӣ иловапулӣ барои кори шабона.

Яъне, музди меҳнати посбон дар моҳи май бо назардошти иловапулӣ барои кори изофагӣ ва кори шабона 1521,1 сомониро ташкил медиҳад.

Мисол: ба омӯзгори мактаб-интернати шаҳри Ҳисор, ки музди меҳнаташ 660,0 сомониро дар як моҳ ташкил дода, соати кории ӯ аз соати 800 то соати 1600 (5 рӯзи корӣ ва 35 соат дар як ҳафта) муқаррар шудааст, аммо кормандон бо навбат тибқи ҷадвал дар як ҳафта 1 маротиба ба навбатдорӣ ҷалб карда мешаванд. Навбатдорӣ аз соати 1600 то саоти 800 идома дорад.

Тарзи пардохти иловапулӣ барои корҳои шабона ва изофакорӣ чунин ҳисобӣ мегардад:

- музди меҳнати моҳонаи корманд тибқи басти вазифа 660,0 сомонӣ;
- музди меҳнати як соат 4,14 сомонӣ (660,0/144,7=4,5 сомонӣ);
- 660,0 сомонӣ / 144,7=4,5 сомонӣ * 16 соат *2= 144,0 сомонӣ иловапулӣ барои кори изофагӣ;
- 660,0 сомонӣ / 144,7=4,5 сомонӣ * 8 соат * 50%= 18,0 сомонӣ иловапулӣ барои кори шабона.

Ҳамин тавр, музди меҳнати корманди мазкур бо назардошти иловапулӣ барои корҳои шабона ва изофагӣ 822,0 сомониро ташкил медиҳад.

**Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ**

**Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ: 236-96-02**

# МУТОБИҚИ ТАЛАБОТИ КОДЕКСИ МЕҲНАТ

**Мутобиқи қисми 1 моддаи 91 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон кормандон ҳангоми мавҷуд будани асосҳои дар кодекси мазкур пешбинишуда ба рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда ва рухсатии иҷтимоӣ ҳуқуқ доранд.**

Иваз кардани рухсатии меҳнатӣ ба ҷуброни пулӣ мумкин нест, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки корманди аз кор озодшаванда рухсатиашро истифода набурда бошад. Кормандон ҳуқуқ доранд, новобаста аз корфармо ва намуди шартномаи меҳнатии бо онҳо басташуда, шакли ташкилию ҳуқуқии ташкилот ва музди меҳнат ба рухсатии меҳнатии асосии ҳарсолаи камтарин ё рухсатии меҳнатии асосии ҳарсолаи дарозкардашуда бароянд.

Давомнокии рухсатии меҳнатии асосии ҳарсолаи камтарин 24 рӯзи тақвимиро ташкил медиҳад. Рухсатии асосии ҳарсолаи камтарин барои ҳамаи кормандон ба таври ҳатмӣ дода мешавад. Корфармо ҳуқуқ дорад, ки аз ҳисоби маблағҳои худӣ муҳлати давомнокии рухсатии меҳнатии асосии ҳарсолаи камтаринро бо тартиб ва шартҳое, ки дар шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ пешбинӣ шудаанд, аз 24 рӯзи тақвимӣ зиёд намояд. Рӯзҳои иди ғайрикорӣ, корношоямии муваққатӣ, инчунин рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд ба рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда дохил намегарданд. Ҳангоми рост омадани рӯзҳои иди ғайрикорӣ дар давраи рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда давомнокии рухсатии корманд ба шумораи рӯзҳои иди ғайрикорӣ дароз карда мешавад.

Ба гурӯҳҳои алоҳидаи кормандон бо назардошти шароит ва хусусияти уҳдадориҳои меҳнатӣ, синну сол, собиқаи корӣ, вазъи саломатӣ ва дигар ҳолатҳо мумкин аст рухсатии асосии дарозкардашуда мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 то 56 рӯзи тақвимӣ муқаррар карда шавад.

Тибқи талаботи моддаи 100 Кодекси меҳнат ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели сол 2018, №197 ба кормандоне, ки дар як соҳа ё дар як ташкилот муддати дароз кор карда, дорои собиқаи кории давомнок мебошанд, рухсатии иловагии давомнокиаш то 10 рӯзи тақвимӣ дода мешавад. Дар соҳаи тандурустӣ дар сурати 5, 10, 15 ва 20 сол будани собиқаи кории давомнок ба муҳлати рухсатии меҳнатии асосии ҳарсолаи пардохтшаванда мувофиқан 3,5,7 ва 10 рӯзи тақвимӣ илова карда мешавад.

Ҳангоми баҳисобгирии давомнокии рухсатиҳои меҳнатии ҳарсола мутаносибан ба вақти кории анҷомдодашуда давомнокии онҳо бо роҳи тақсими андозаи ҳар як рухсатӣ ба 12 ва зарбзании он ба шумораи моҳҳои пурраи корӣ муайян карда мешавад. Зимнан вақти изофа, ки ба 15 рӯзи тақвимӣ баробар ва бештар аз он бошад, яклухт бо як моҳ баробар ҳисоб карда шуда, вале камтар аз 15 рӯз ба инобат гирифта намешавад.

Ба собиқаи кор, ки барои рухсатии меҳнатии ҳарсола ҳуқуқ медиҳад, вақти кории воқеӣ дар давоми соли корӣ, вақте ки корманд воқеан кор накардааст, вале ҷойи кораш (мансабаш) барои ӯ нигоҳ дошта шудааст, вақти ноилоҷ ҳозир нашудан ба кор ҳангоми ғайриқонунӣ аз кор озод гардидан ё ба дигар кор гузаронидан бо аз нав барқарор намудан ба кори пештара, дигар вақтҳое, ки шартномаҳои соҳавӣ (тарифӣ), коллективӣ ва дигар санадҳои меъёрии дохилии (локалии) ташкилот, шартҳои шартномаи меҳнатӣ пешбинӣ намудаанд, дохил мешаванд.

Рухсатии меҳнатӣ (асосӣ ва иловагӣ) барои соли аввали корӣ на барвақттар аз 11 моҳи корӣ аз ҷониби корфармо дода мешавад. То ба итмом расидани 11 моҳи корӣ корфармо уҳдадор аст бо хоҳиши корманд ба ӯ дар ҳолати зерин рухсатии меҳнатӣ пешниҳод намояд:

- ба занон пеш аз рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд ё баъд аз он;
- ба кормандони синни то ҳаждаҳ;
- ба кормандоне, ки бо тартиби гузариш ба кор қабул карда шудаанд;
- ба кормандоне, ки мувофиқи хулосаи тиббӣ барои табобати санаторӣ-курортӣ роҳхат доранд;
- ба кормандоне, ки дар ду (якчанд) ҷой кор мекунанд, агар рухсатии меҳнатиашон дар ҷойи кори асосӣ дар давраи то 11 моҳи корӣ аз рӯи дар ду (якчанд) ҷой кор кардан мувофиқ ояд;
- ба омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ;
- ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда;
- ба занон ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, ки дар тарбияи худ ду ва ё зиёда кӯдаки синни то чордаҳ ё кӯдаки маъюби синни то ҳаждаҳ доранд;
- ба кормандоне, ки аз истеҳсолот ҷудо нашуда дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ (шуъбаҳои шабона), муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти махсус, муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва аспирантураҳо (шуъбаҳои шабона ва ғоибона) таълим мегиранд;
- дар дигар ҳолатҳои тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ муайяншуда.
- ба хизматчиёни ҳарбие, ки ба эҳтиёт ҷавоб шудаанд ва бо тартиби муташаккилона ба кор фиристода шудаанд, рухсатии меҳнатӣ баъд аз гузаштани се моҳ дода мешавад.
- ба зани (шавҳари) хизматчии ҳарбӣ бо хоҳиши онҳо рухсатии меҳнатӣ дар як вақт бо рухсатии шавҳари (зани) ӯ дода мешавад.

Рухсатии меҳнатӣ барои солҳои дуюм ва минбаъдаи корӣ ҳар вақти соли корӣ мувофиқи навбати додани рухсатиҳои меҳнатӣ дода мешавад, агар дар Кодекси мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои дигар пешбинӣ нашуда бошанд.

Ба шахсоне, ки аз профилакторияҳои табобатию меҳнатӣ баргаштаанд, рухсатиҳои ҳарсола барои муддати кории воқеӣ дар ҷойи кори охирин дода мешавад.

Вақт ва навбати додани рухсатии меҳнатӣ бо тартиби пешбининамудаи шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ, қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ, ҷадвали рухсатиҳо, ки бо намояндагони кормандон мувофиқа карда шудаанд ва ё бо мувофиқаи байни корфармо ва кормандон муайян карда мешаванд. Ҷадвали дода шудани рухсатиҳои меҳнатӣ барои соли тақвимӣ тибқи муҳлатҳои муқаррарнамудаи созишнома ва шартномаҳои коллективӣ тартиб дода мешавад, ки он бо корфармо ва иттифоқи касаба ё дигар намояндагони кормандон ба мувофиқа расида, ба маълумоти ҳамаи кормандон пешниҳод карда мешавад. Ба кормандоне, ки дар ду (якчанд) ҷой кор мекунанд, дар як вақт бо рухсатии меҳнатии ҷойи кори асосӣ пешниҳод мегардад. Ба корманд бояд 15 рӯз пеш аз саршавии рухсатӣ оид ба вақти пешниҳоди рухсатӣ хабар дода шавад.

Ба кормандони синнашон ба ҳаждаҳ нарасида ва кормандоне, ки ба корҳои вазнин машғул мебошанд ва дар шароити вазнин ё зарарноки меҳнатӣ кор мекунанд, инчунин дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба соли дигар гузаронидани рухсатии меҳнатӣ иҷозат дода намешавад. Дар давоми ду соли пай дар пай надодани рухсатии меҳнатӣ манъ аст.




Агар рухсатии меҳнатӣ бо риояи талаботи муқарраргашта пешниҳод карда шавад, аммо корманд истифодаи онро дар муҳлати муайяншудаи он то охири соли корӣ бе асоси қонунӣ рад кунад, корфармо ҳуқуқ дорад рухсатии кормандро ба вақти дигар нагузаронад ва истифода нашудани рухсатиро бо маблағи пулӣ ҷуброн накунад.

Рухсатии меҳнатиро бо мувофиқаи корманд ва корфармо ба қисмҳо ҷудо кардан мумкин аст, ки яке аз қисмҳои он набояд аз 14 рӯзи тақвимӣ камтар бошад. Аз рухсатии меҳнатӣ бозхондан танҳо бо розигии корманд мумкин аст. Ҳангоми бозхондан аз рухсатии меҳнатӣ қисми истифоданашудаи рухсатӣ бояд ба корманд дар давоми ҳамон соли корӣ дар вақти барояш мусоид дода шавад ва ё ба рухсатии соли корииояндааш бо риояи талаботи пешбининамудаи моддаи 108 Кодекси мазкур илова гардад, агар дар созишнома ва шартномаҳои коллективӣ дигар ҳолатҳо пешбинӣ нашуда бошанд.

Дар давраи рухсатии меҳнатии асосии ҳарсола ба корманд ба андозаи на камтар аз музди миёнаи меҳнат пардохт кафолат дода мешавад. Пардохти рухсатии меҳнатии асосии ҳарсола дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи шартномаи коллективӣ, вале на дертар аз як ҳафта пеш аз оғози он сурат мегирад. Корфармо ҳуқуқ дорад ҳангоми пешниҳоди рухсатии меҳнатии асосии ҳарсола тибқи санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ) ва шартномаи коллективӣ ба корманд иловапулӣ (кумакпулӣ) пардохт намояд.

Рухсатиҳои меҳнатӣ ва иҷтимоии пардохтшаванда (ба ғайр аз рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд (моддаи 223 Кодекси мазкур) ва барои нигоҳубини кӯдак (моддаҳои 224 ва 225 Кодекси мазкур) аз ҳисоби маблағҳои корфармо ва дар ташкилотҳое, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, аз ҳисоби маблағҳое, ки дар сметаи хароҷот барои нигоҳдории онҳо ва музди меҳнат пешбинӣ гардидаанд, пардохт карда мешаванд.

Ҷубронпулӣ барои рухсатии пурраи меҳнатӣ дар сурате пардохт карда мешавад, ки агар корманд то рӯзи аз кор озод шудан дар тамоми соли корӣ кор карда бошад. Агар то рӯзи аз кор озод шудан корманд як қисми соли корӣ меҳнат карда бошад, ҷубронпулӣ мутаносибан ба вақти кори кардашуда пардохт карда мешавад. Ҷубронпулӣ барои рухсатии меҳнатии истифоданашуда ҳангоми аз кор озод кардан дар рӯзи озодкунӣ пардохт карда мешавад.

Корфармо тибқи машварати пешакӣ бо коллективи меҳнатӣ метавонад ба шумораи зиёди кормандон дар фасли тобистон, ба кормандоне, ки дар ин давра ба корҳои таъмир, барқароркунӣ ва навкунии истеҳсолот машғуланд, дар дигар вақти барои онҳо мувофиқ рухсатӣ диҳад.

**Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ**

МД «Маркази таълими калонсолон»: 250-35-42, 250-35-44

Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шуғл ва МУҲОҶИРАТ

# НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ВАЗОРАТ ДАР ШАШ МОҲИ СОЛИ РАВОН

*(Аввалаш дар саҳ. 1)*

**Такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳа.** Давоми нимсолаи якуми соли ҷорӣ ҷиҳати такмил ва рушди низоми қонунгузории соҳа ва фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқию ташкилӣ ва танзими фаъолияти соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, 13 лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия карда шуда, лоиҳаҳои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027", "Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040", "Дар бораи аъзои ҳайати мушовараи вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон"; фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқаррар намудани квотаи алоҳидаи махсус барои ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дар бораи муқаррар намудани квотаи муҳоҷирати хориҷӣ ва ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023" ба тасвиб расиданд.

Лоиҳаҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Барномаи миёнамуҳлати тайёр кардани кадрҳои касбии зинаи ибтидоӣ ва миёна аз ҳисоби ҷавонон барои соҳаҳои иқтисоди миллӣ", "Дар бораи Барномаи миёнамуҳлати рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027" ва "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба баъзе қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" (оид ба гузаштан ба низоми электронии қабули ҳуҷҷатҳо барои гирифтани иҷозатнома ва иҷозати кор) дар баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд.

**Сатҳи зиндагии аҳолӣ ва меҳнат.** Дар натиҷаи татбиқ ва таҳияи санадҳои меърии ҳуқуқии марбут ба соҳаи меҳнат ба ҳолати 1 майи соли 2023 музди миёнаи меҳнат дар ҷумҳурӣ 1905,83 сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 253,57 сомонӣ ё 15,3 фоиз зиёд гардида, шумораи умумии коргарон ба ҳолати 1 майи соли 2023 дар миқёси ҷумҳурӣ 1244,4 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Музди меҳнати ҳадди ақал бошад дар давраи ҳисоботӣ 600 сомониро ташкил медиҳад.

Тибқи Нақшаи Комиссияи сетарафаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 таҳти раёсати муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Сатториён М.А. ҷаласаи Комиссияи сетарафаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида, дар он танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷрои нақшаи чорабиниҳои Созишномаи генералӣ, дар бораи рақамикунонии шартномаи коллективӣ ҳамчун қадами аввалини дигаргунсозии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар ҷомеа баррасӣ гардида, қарори дахлдор қабул шуд.

Ба ҳолати 1 июли соли 2023 дар ҷумҳурӣ 33304 адад корхонаҳо, муассисаву ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликият, фаъол буда, аз онҳо 18954 ададаш ҳуқуқи ба имзо расонидани шартномаи коллективиро доранд ва 16361 ададашон бо шартнома ва созишнома фаро гирифта шудаанд, ки 86,3 фоизро ташкил дод.

Дар давраи сипаришуда, мутобиқи нақшаи кории тасдиқгардида, инчунин дархостҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дастуру супоришҳои роҳбарияти вазорат ва арзу шикоятҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вобаста ба ҳолати риояи қонунгузории соҳа фаъолияти 1192 адад субъектҳои хоҷагидори Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди санҷиш қарор дода шудааст, ки 970 адади он санҷишҳои нақшавӣ, 2 адади он санҷиши такрорӣ ва 220 адади он санҷишҳои ғайринақшавиро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии субъектҳои хоҷагидори таҳти санҷиш қароргирифта 562 адад ба ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва 629 ададашон ба корхонаву муассисаҳои давлатӣ рост меояд.

Дар натиҷаи ҳамаи назорату санҷишҳои анҷомёфта, 5752 адад қонунвайронкуниҳо ошкор гардиданд, ки аз ин 4038 ҳолат ба масъалаҳои меҳнат, 1196 ҳолат ба масъалаҳои бехатарии меҳнат ва риояи стандартҳо, 32 ҳолат ба масъалаҳои муҳоҷират ва 486 ҳолат ба масъалаҳои шуғли аҳолӣ иртибот дошта, аз шумораи умумии қонунвайронкуниҳо 2831 ададашон ба ташкилоту муассисаҳои ғайридавлатӣ ва 2921 ададашон ба ташкилоту муассисаҳои давлатӣ иртибот доранд.

Дар маҷмуъ, дар давоми нимсолаи аввали соли 2023 дар ҳамаи соҳаҳо бо даҳолати Хадамот 25,1 млн. сомонӣ ба буҷети давлатӣ ва шаҳрвандон пардохт карда шуд, аз ҷумла ба буҷети давлатӣ дар маҷмуъ 4,6 млн. сомонӣ, ба шаҳрвандон дар ҳаҷми 20,5 млн. сомонӣ аз ин ҳисоб, қарздории музди меҳнат 16,1 млн. сомонӣ пардохт карда шуд.

**Муҳоҷирати аҳолӣ.** Зикр намудан ба маврид аст, ки дар ин давра ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдори давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ, аз ҷумла Федератсияи Россия ҷиҳати ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон идома ва тақвият ёфта, дар ҷараёни мулоқоту гуфтушунидҳои сатҳи олии кишвар бо Раиси Ҳукумати Федератсияи Россия ва мулоқоти Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии Федертсияи Россия, ки зимни сафари расмии ҳайати Федератсияи Россия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯзҳои 1-3 феврали соли ҷорӣ баргузор гардиданд, масъалаҳои марбут ба таъсиси базаи таълимӣ дар яке аз муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии вазорат барои омода намудани муҳоҷирони меҳнатӣ мутобиқ ба стандартҳои таълимии давлатии таҳсилоти ибтидоии касбии Россия аз рӯи ихтисосҳои ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнати Федератсияи Россия, ифтитоҳи намояндагии муассисаи тиббии Россия барои гузаштан аз муоинаи тиббӣ, ҳамкорӣ байни Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Федератсияи Россия барои ташкили роҳҳои интиқоли маълумоти техникӣ оид ба гузаштани бақайдгирии изи ангушти шаҳрвандони кишвар дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, бақайдгирии аъзои оилаи муҳоҷироне, ки кору фаъолият намекунанд (оилаҳои ҷавон бо кӯдакони ноболиғи синну соли томактабӣ ва мактабхон), мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар доираи конфронси «Танзими байналмилалии равандҳои муҳоҷират дар қаламрави давлатҳои аъзои ИДМ», ки рӯзи 15 марти соли ҷорӣ дар шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия баргузор гардид, вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи "Танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот ва дурнамо" ба таври маҷозӣ баромад намуда, ҷиҳати тақвияти фаъолият дар самти танзими масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ пешниҳодҳои мушаххас манзур намуд.

Инчунин, масъалаи интиқоли қувваи корӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Корея дар вохӯрии роҳбарияти вазорат бо Сафири Ҷумҳурии Корея дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шуда, корбариҳо дар ин самт идома доранд.

Инчунин, дар асоси Нақшаи баргузории ҷаласа, шӯроҳо, кумитаҳо ва комиссияҳо дар назди муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2023, санаи 3 апрели соли ҷорӣ маҷлиси Комиссияи байниидоравии танзими равандҳои муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар кори он масъалаҳои мушкилии муҳоҷирони дохилӣ, ки тибқи нақшаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2021, №518 кӯчонида мешаванд, аз ҷумла таъмин бо қитъаи замин барои сохтмони манзилҳои истиқоматӣ, инфрасохтори зарурӣ, сари вақт ба корҳои сохтмонӣ шуруъ накардани онҳо дар вилояти Хатлон ва фаъолияти кумитаҳои ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила ва дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти бурдани корҳои иттилоотӣ ва идеологӣ дар байни ҷавонон, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ оид ба пешгирӣ аз шомилшавӣ ба гуруҳҳои ифротӣ, экстремистӣ ва террористӣ, баланд бардоштани ҳувияти миллӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣ дар хориҷи кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифта, протоколи дахлдор қабул ва барои иҷро ба масъулин дастрас гардид.

Дар ин давра ба дафтари Намояндагии вазорат дар Федератсия Россия оид ба муҳоҷират 8460 муроҷиат ва арзу шикоятҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ворид гардидааст. Аз ин шумораи умумӣ 8292 муроҷиати шифоҳӣ ва 168 муроҷиати хаттӣ ва дастуру супориши вазорату идораҳоро ташкил медиҳад.

Дар ин давра, аз 48 адад аризаҳои кассатсионӣ 8-тояш бо қарори суди поёнии ноҳиявие, ки беасос муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ихроҷ гардидаанд, аз ҷониби Намояндагӣ дар натиҷаи шикояти кассатсионӣ бо қарори суди болоӣ бекор карда шуданд. Маньи вуруди 17 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ вобаста ба доштани асосҳои ҳуқуқӣ аз 30 нафар манъшудагон кушода шуд. Бо мусоидати Намояндагӣ ва дастгирии диаспорҳои тоҷик ба муҳоҷирони меҳнатии эҳтиёҷманд дар Федератсияи Россия ба 59 нафар ба маблағи 1,9 млн. рубл кумакҳои моддӣ дастрас гардид. Ҳамзамон, дар ҳамкории доимии Намояндагӣ бо мақомотҳои дахлдори Федератсияи Россия дар 187,0 млн. рубли нопардохтшудаи музди меҳнати муҳоҷирон, аз ҷониби корфармоён ва шахсони воқеӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ баргардонида шуд.



*(Идома дар саҳ. 5)*

МД «Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷа»: 221-40-15

*(Аввалаш дар саҳ. 4)*

**Вазъи бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ.** Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи аҳолии дар иқтисодиёт фаъол аз рӯйи баҳои пешакӣ, ба ҳолати 1 майи соли 2023-юм 2571,9 ҳазор нафарро ташкил намуд, ки аз ин нишондод 2523,3 ҳазор нафар (98,1 фоиз) дар соҳаҳои иқтисодиёт машғул буда, 48,6 ҳазор нафар расман мақоми бекорӣ дорад, ки 1,9 фоизи аҳолии дар иқтисодиёт фаъолро ташкил медиҳад.

Дар ҳамин давра аз шумораи умумии аҳолии машғули кор шахсони дар рӯйхатбудаи кироякор дар корхонаҳои ҳама шаклҳои моликият 1242,9 ҳазор нафар ё 49,3 фоизи шумораи умумии аҳолии машғули корро ташкил дод. Шумораи дар рӯйхатбудаи кормандони кироя дар моҳи апрели соли 2023 нисбат моҳи марти соли 2023 ба андозаи 0,02 фоиз кам ва нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-ум 0,9 фоиз зиёд шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ ба мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ 76175 нафар шаҳрванд муроҷиат намуд, ки 57739 нафари онҳо ҳамчун корҷӯ ба қайд гирифта шуда, ба 31921 нафар расман мақоми бекорӣ дода шуд. Тавассути татбиқи чорабиниҳои Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар маҷмуъ 38726 нафар шаҳрванд бо ҷойҳои корӣ таъмин гардид.

Тавассути татбиқи чорабиниҳои Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар маҷмуъ, 38726 нафар бо ҷойи кор таъмин гардиданд, ки ин нишондиҳанда 56,1 фоизи нақшаи солонаи барномаро ташкил дода ва дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 6,4 фоиз зиёд мебошад.

Бо мақсади мусоидат барои дарёфти ҷойи кор 576 мароти-ба ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод гузаронида шуда, 8785 нафар шаҳрвандон ба ҷойи кор роҳхат гирифта, аз ин шумора 6411 нафар бо ҷойҳои корӣ таъмин гардиданд, ки ба ҳар як ярмарка 11,1 нафар (нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1056 нафар зиёд мебошад) рост меояд, ки аз ин теъдод 2565 нафар зан ва 2748 нафар ҷавон мебошанд. Инчунин, тавассути ярмаркаҳо ба 5359 нафар шаҳрванд роҳхат барои касбомӯзӣ дода шуда, 1512 нафар ба корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар карда шуданд.

Дар маҷмуъ, тавассути ташкил ва гузаронидани ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ дар давраи баррасишаванда 13282 нафар шаҳрванд ба намудҳои гуногуни шуғл ҷалб гардид.

Ҷиҳати таъмини ширкатҳои сохтмонии НБО «Роғун» бо кадрҳои коргарӣ» бо фармоиши Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2023, №18 Ситоди корӣ таъсис дода шуда, аз ҷониби аъзои он дар вилоят, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ бобати бо қувваи корӣ таъмин намудани ширкатҳои ЧСК НБО «Роғун» корҳои муайяне анҷом дода, давоми нимсолаи якуми соли равон 14 адад ярмаркаи соҳавии ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод, аз ҷумла, дар соҳаи сано-ат, бо ширкатҳои сохтмонии ЧСК НБО "Роғун" дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ташкил ва баргузор карда шуд. Дар натиҷаи баргузории чорабиниҳои мазкур ба 3015 нафар шаҳрванди бекор ва корҷӯӣ роҳхат барои бокортаъминшавӣ дар ширкатҳои сохтмонии ЧСК НБО «Роғун» дода шуда, аз ин шумора 2271 нафар бо ҷойи кор таъмин гардид, ба 1040 нафар таҳқиқоти сотсиологӣ ва ба 1294 нафар машварати касбӣ дода шуд.

Ҷиҳати пешбурди фаъолияти соҳибкории шаҳрвандони бекор дар ин давра аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба 1355 нафар шаҳрванди бекор, қариб 5 млн. сомонӣ кумаки молиявӣ дода шуд. Аз ҷумла, дар ВМКБ ба 195 нафар шаҳрванди бекор 625,7 ҳазор сомонӣ, вилояти Суғд ба 460 нафар 1,6 млн. сомонӣ, вилояти Хатлон ба 299 нафар 1,3 млн. сомонӣ, шаҳри Душанбе ба 50 нафар 223,0 ҳазор сомонӣ ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба 351 нафар ба андозаи 1,2 млн. сомонӣ пардохт гардид.

Ҳамчунин, ба ташаббуси соҳибкории занон, ҷавонон, инчунин ҷиҳати эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ ба 775 нафар зан ба андозаи 2 млн. 844,3 ҳазор сомонӣ ва ба 508 нафар ҷавон 1,9 млн. сомонӣ ва ҷиҳати дастгирӣ ва эҳёи намудҳои гуногуни ҳунарҳои мардумӣ ба 501 нафар шаҳрванд ба андозаи 1,8 млн. сомонӣ кумаки молиявӣ пардохт гардид.

Дар давраи ҳисоботӣ дар муассисаҳои таълими касбии мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва дигар муассисаҳои таълимии дар ҷумҳурӣ фаъолиятдошта 41958 нафар шаҳрванд ба курсҳои кӯтоҳмуддати тайёрии касбӣ ва Тартиби амалисозӣ ва расмиёти эътирофи салоҳияти калонсолон ва валидатсия ҷалб гардиданд. Аз ҷумла, аз ҳисоби маблағҳои буҷети Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таълими касбии системаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ 10980 нафар ба касбомӯзӣ ҷалб гардида, ҳамчунин дар ин давом тавассути худмаблағгузорӣ 8275 нафар ба курсҳои кӯтоҳмуддат ва бо Тартиби амалисозӣ ва расмиёти эътирофи салоҳияти калонсолон ва валидатсия малакаи касбии 6626 нафар шаҳрванд бо шаҳодатномаҳои тасдиқгардида таъмин шуданд.

Дар маҷмӯъ, тавассути марказҳои таълимӣ 25881 нафар ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ҷалб гардиданд, ки аз теъдоди умумии касбомӯзон аз ҳисоби маблағҳои барнома 8388 нафар (76,4%) зан ва 5611 нафар (51,1%) ҷавон мебошанд.

Илова ба ин, дар ин давра бо мусоидати мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар муассисаҳои таълимии системаи агентӣ ва дигар муассисаҳои таълимии дар ҷумҳурӣ фаъолиятдошта 5834 нафар зану духтари хонашин ва шаҳрвандон ба омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ ҷалб гардиданд.

Давоми нимсолаи якуми соли 2023 аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ ҷиҳати дастгирии иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатии ба Ватан бозгашта ва мутобиқсозии онҳо ба бозори меҳнати дохили кишвар низ корҳои муайян ба иҷро расида, аз 15403 нафар муҳоҷирони меҳнатии ба Ватан бозгашта 5533 нафари онҳо бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардида, 8811 нафар ба тайёрии касбӣ, 93 нафар ба иҷрои корҳои ҷамъиятии муздноk сафарбар шуданд ва ба 72 нафар қарзи имтиёзнок барои соҳибкории инфиродӣ дода шуда, 843 нафар машварати касбӣ гирифта, 51 нафар ҳамчун бекор дар қайди мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолии маҳали зист мебошанд.

**Таҳсилоти ибтидоии касбӣ, таълими калонсолон ва рушди ҳунармандӣ.** Айни замон, дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии системаи вазорат 17008 нафар хонанда таҳсил менамояд, ки аз ин шумора, 4346 нафарро духтарон ташкил дода, 15353 нафар дар гурӯҳҳои буҷавӣ ва 1655 нафар дар гурӯҳи шартномавӣ таҳсил доранд. Ба ҳолати 1 январи соли 2023 дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии кишвар 159 нафар (42 духтар) хонандаи маъюб, 46 хонандаи (18 духтар) ятими кулл ва 838 нафар (372 духтар) нимятим таҳсил карда истодаанд, ки ҳифзи иҷтимоии онҳо таҳти назорати бевоситаи роҳбарияти вазорат ва муассисаҳои таълимӣ қарор дорад.

Бо мақсади эълон гардидани солҳои 2022 - 2026 солҳои рушди саноат ва тарғиби донишҳои назариявӣ ва амалӣ, инкишофи шавқу завқи хонандагон, тақвияти кӯшиши онҳо ба корҳои эҷодӣ, тарғиби интихоби касб, фароҳам овардани шароити муносиб барои дарёфти хонандагони лаёқатманд, тақвияти тафаккури техникии онҳо ва рушди малакаи касбии хонандагон тибқи Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии «Малакаи касбӣ» дар байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ (фармоиши вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2022, №44) соли дуюм аст, ки баргузор карда мешавад.

Дар соли таҳсили 2022-2023 озмуни мазкур аз рӯи ихтисосҳои «Системаи компютерӣ ва Интернет-технология», «Монтёри барқӣ оид ба хизматрасонии таҷҳизоти барқӣ», «Тракторчӣ-мошинисти истеҳсолоти кишоварзӣ» ва «Челонгар оид ба таъмири (муҳаррики) автомобил» ташкил ва баргузор карда мешавад.

Тибқи супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва фармоиши вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2023, №18 “Дар бораи таъсис додани Ситори корӣ оид ба таъмини ширкатҳои сохтмонии НБО Роғун бо кадрҳои коргарӣ”, аз ҳисоби хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар соли 2023 ҷиҳати гузаронидани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар НБО Роғун дар назар дошта шудааст.

Таҳлилҳо нишон дод, ки дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз 92 ихтисосҳои дар иҷозатнома нишондодашуда 63 ихтисос амал мекунад.

Дар давраи ҳисоботӣ 2 номгӯйи китобҳои дарсии тахассусии «Гачкорӣ» - 200 адад, ва «Ҳунарҳои суннатии тоҷикон» 100 адад ба маблағи умумии 28,4 ҳазор сомонӣ нашр гардида, дастраси муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ гардид.

Феълан, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии ҷумҳурӣ бо КВД “Ширкати Алюминийи Тоҷик”, ҷамъиятҳои саҳомии кушодаи «Сомон - саноат», «Сомон - сохтмон», «Авторемзавод», «Тоҷиккабел», «Сомон – таҷҳизот», «Ремстройдормаш», «Сомон - сервис», «Ноқили Талко», ИИ “Нассоҷии тоҷик”, «Хуҷандавтосервис», «Ангубин», «Лаззат» ва дигар корхонаю ташкилотҳо барои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ҳамкорӣ доранд.

Ҳамзамон дар гузориш роҷеъ ба самтҳои дигар - робитаҳои байналмилалӣ, корҳои илмӣ-соҳавӣ, кор бо воситаҳои ахбори омма, сиёсати кадрӣ, таъмир ва сохтмони асосӣ сухан рафт.



МД «Марказҳои машваратӣ ва омодагӣ»: 225-05-75, 225-02-21

# МУҲАББАТ БА КИТОБ
## АЗ КУҶО ОҒОЗ МЕШАВАД?

**Чӣ бояд кард, ки хонандагон ба китоб ва китобхонӣ шавқ пайдо кунанд? Албатта, ин масъалаи хеле нозук аст. Ба хусус, дар шароите, ки фанноварихои иттилоотӣ рӯ ба рушд доранду хонандагони мактабҳи миёна ҳар лаҳза дар сомонаҳои иҷтимоӣ, аз қабили фейсбуку твиттер, одноклассникӣ, вайберу ватсАп ва дигару дигар фаровон истифода мебаранд.**




Усулҳо ва воситаҳои гуногуни ҷалби хонандагон ба китобҳои бадеӣ зиёд аст, вале барои корбурди онҳо пеш аз ҳама донистани ҳолати психологии ҳар як хонанда барои омӯзгор зарур аст. Масалан, омӯзгор бояд муайян кунад, ки кадом мавзӯъ ба хонанда метавонад писанд ояд ва аз рӯи ҳамон мавзӯъ ба хонанда китобҳо тавсия кунад. Ҳамчунин ҳангоми тавсияи китоб сину соли хонанда бояд ба назар гирифта шавад. Хонандагони синфҳои 5,6,7,8 ва 9 барои дарки маънии фалсафии асарҳои «Бӯстон»-у «Гулистон»-и Саъдӣ, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ надоранд, ҳарчанд ки дар барномаи таълимӣ омӯзиши ин асарҳо ҷойгир шудаанд.

Тавре ки дар боло ишора рафт, ҳоло замони техникаву технология бо суръат доман пахн карда истодааст ва дигар хонандагон ҳам чун хонандагони 20 ва 30 соли пеш нестанд. Хонандагони имрӯз, ки дар олами маҷозии интернет худро ором ва озода эҳсос мекунанд, дигар таваҷҷуҳашон ба маънии баланди ашъори бузургони классик ва муосир ҷалб намешавад. Ҳарчанд ки дар ин миён чандин китобҳои шарҳу тафсири асарҳои бузургони классики мо таҳия ва нашр шудаанд, аммо то ба ҳанӯз бисёре аз хонандагон дар шикофти маънии баъзе ашъор дармемонанд. Дар чунин ҳолатҳо омӯзгорони фанни забон ва адабиёт метавонанд бо ташкили хондани ашъори бузургони классик зимни машғулиятҳо ва берун аз он таваҷҷуҳи хонандагонро ба маънии он шеърҳои баланд ҷалб намоянд. Масалан, ташкили маҳфилҳои «Рӯдакихонӣ», «Мавлавихонӣ», «Шоҳномахонӣ», қироати ғазалҳои Саъдиву Ҳофиз, Камолу Ҷомӣ ва чанде дигар ташкил кард ва бо ин восита муҳаббати хонданро дар дили хонандагон бедор намуд.

Интихоби жанр барои омӯзгороне, ки дар вақтҳои таътили зимистона ва тобистона барои хонандагон рӯйхати китобҳоро тавсия мекунанд, хеле зарур аст. Омӯзгор бояд нахуст ҳикояву повестҳои шавқоварро пайдо кунад ва барои хондани онҳо ба хонадагон тавсия намояд. Дар ин маврид асарҳои «Ҳазору якшаб», «Чор дарвеш», «Ҷомеъулҳикоёт», «Марги судхӯр», повести «Одина», «Ривояти суғдӣ», достонҳои «Шоҳнома»-и Улуғзода ва чанд китобҳои дигарро метавон дар вақтҳои таътил ба хонандагон тавсия намуд.

Хонанда кай ва кадом вақт метавонад ба китобхонӣ шавқ пайдо кунад?

Нақши асосиро дар ин ҳолат метавонад дарсҳои хониш бозад. Дар дарсҳои хониш зимни мутолиаи матнҳо он вақте муҳаббати хонанда пайдо мешавад, ки:

- худро ҳамчун қаҳрамони воқеаҳои асари нависанда тасаввур кунад;
- вақте он маънии муҳимеро дарк кунад;
- вақте ки китоб дар ҳаёти шахсии ӯ нақши рушди эҷодии ӯро ба вуҷуд орад.

Дарси хониши асарҳои бадеӣ, ки яке аз воситаҳои муҳим барои ҷалби хонандагон ба китобхонӣ мебошад, бояд ҳадафмандона ва ҷолиб бошад.

Нақши омӯзгор дар ин гуна дарс ҳалкунандаи бисёре аз масъалаҳои нофаҳмо миёни хонандагон бошад. Омӯзгорро хеле зарур аст, ки дар ин гуна ҳолатҳо нахуст шароити озоди интихоби асарро ба хонандагон фароҳам биоварад ва пас аз мутолиаи асар мавқеии шахсии худро муайян созад.

Кор бо матнҳо низ яке аз воситаҳои муҳим дар дарси хониш аст, ки метавон онро ба чунин қисматҳо ҷудо кард:

- Мутолиаи тамоми матн.
- Мутолиаи матн бо мақсади ҷудо кардан ва аз рӯи он тартиб додани нақша.
- Мутолиа аз рӯи нақша.
- Мутолиаи порчаи матне, ки метавонад ба саволҳо ҷавоб диҳад
- Мутолиа аз рӯи нақшҳое, ки тавонад чеҳраи асосӣ ва ҳақиқии қаҳрамони асарро кушояд.
- Мутолиаи диалогҳои асар.
- Мутолиаи калимаҳои нофаҳмо бо аломату ишораҳо.

Ҳамчунин барои ҷалби хонандагон ба китоб метавон дар вақти дарси забон ва адабиёт ҳангоми омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти шоирону нависандагон мизи гирд ташкил кард ва аз рӯи асари ҳамон нависандае, ки мавриди омӯзиш аст, воқеаҳо ва қаҳрамону персонажҳои онро мавриди баррасӣ қарор дод. Бигзор дар ин ҳолатҳо хонанда озод бошад, ба таври мустақим фикру мулоҳизаи худро ба воқеаҳои асар баён кунад. Дар ин гуна ҳолатҳо хонандагон ба китоб ва асарҳои нависандагон на сарсарӣ, балки бо таваҷҷуҳи махсус мехонанд ва маънои онро дарк мекунанд. Иловатан, китобҳои электрониро низ мешавад ба хонандагон тавсия намуд. Чун имрӯз планшету телефонҳои мобилии нав ба нав ба дасти хонандагон расидаанд, аз он ба таври муассир истифода бурдашон мумкин аст.



**Нурчида ХОЛИҚОВА,**
**китобдори Литсейи касбии саноати кишоварзии ноҳияи Мастчоҳ**

# РОҲНАМОИИ КАСБӢ
## ЧӢ МАҚСАД ДОРАД?

Роҳнамоии касбӣ яке аз асоситарин масъалаҳои иқтисодии давлат буда, дар солҳои наздик бояд нақши худро тағйир диҳад, зеро дар шароити рушди иқтисодиёти бозоргонӣ нақши он баланд бардоштани омили инсонӣ, ҳуқуқи ашхос ба меҳнат, интихоби касб, таҳсилот, тайёрии касбӣ, ҳифзи меҳнат ва таъминоти иҷтимоиро дар бар мегирад.

Зери мафҳуми роҳнамоии касбӣ маҷмуи чорабиниҳо барои таъсиррасонӣ ба хонандагон дар интихоби мустақилонаи касб, масъулиятнокӣ ва ҳалли мушкилоти интихоби касб ифода меёбад. Машварати касбӣ ҷузъе аз роҳнамоии касбӣ ҳисобида мешавад. Бинобар ин, роҳнамоии касбӣ ҳамчун масъалаи умумидавлатӣ эътироф меёбад. Ба он машварати хонандагон, волидайн, табақаи дигари аҳолӣ, тарбияи меҳнатӣ дар мактабҳои миёна ва шурӯъ аз политехникӣ то такмили ихтисоси касби интихобнамуда шомил мегардад.

Корҳои интихоби касб инҳоянд: ахбороти касбӣ, маашварати касбӣ, интихоби касбӣ ва мутобиқшавии касбӣ.

1. Ахбороти касбӣ (маълумоти касбӣ): маҷмуи чорабиниҳои шинос намудани ҷавонон бо усули истеҳсолоти ҳозиразамон мебошад. Интихоби касби ҷавонон зери таъсири муҳити иҷтимоӣ (волидайн, дӯстон, мактаб), инчунин, ба воситаи ахбори омма (рӯзнома, маҷалла, китобҳо, телевизион, радио) ҷараён мегирад.

2. Машварати касбӣ: рафти мақсаднокии омӯзиш, шакли муайян намудани ҷавонон бо рағбат, майл ва хоҳиши наврасон вобаста ба саломатӣ, ҳолати руҳӣ, талаботи ҷамъият, тайёр намудани ҷавонон ба интихоби бошууронаи касб ва роҳҳои кумакрасонӣ ба худмуайяннамоии касбӣ мебошад.

3. Интихоби касбӣ: ҷамъи роҳу усулҳо, тарзи баргузории ташхиси тиббӣ ва психофизиологии шахс бо мақсади ёрӣ расонидан барои интихоби касбе, ки вобаста ба саломатӣ ва хусусиятҳои фардӣ мувофиқ меоянд. Интихоби касбӣ ин зинаи муайян намудани мувофиқати шахс ба ягон касби аниқ мебошад.

4. Мутобиқшавии касбӣ: ба худ мутобиқшавии иҷтимоӣ ва истеҳсолиро дар бар мегирад, ки он ихтисосманд шудани коргар ва дар он инкишоф ёфтани сифатҳои касбӣ, талабот ба эҷодиёти касбӣ, қобилияти муносибати байни ҳамдигарии ҳамкасбон ва ҳамдигарфаҳмии коллектив ба назар гирифта шудааст.

Роҳнамоии касбӣ ҷабҳаи инсонпарварона буда, дар худ мақсади инкишофи муътадили ҷамъиятро дорад. Мақсади он аз муайян намудани ихтисоси меҳнатӣ, худмуайянкунии аҳолӣ, ки бо роҳи ташаккули қобилиятҳои интихоб дар ҳолатҳои пешниҳодшуда ва додани маълумоте, ки ба он хулосаи дурусти интихоби касб вобастагӣ дорад, иборат аст.

Мақоми асосии роҳнамоии касбӣ дар он аст, ки бояд табақаҳои аҳолиро вобаста ба ҳама давраҳои ҳаёти инсон фаро гирад, чунки роҳнамоии касбӣ дар ҷамъияти рушдёбанда принсипи созандаи худро дорад.

**З.П. ХОЛМИРЗОЕВА,**
**мудири шуъбаи машварати касбӣ ва интихоби касби МД «МҶРК»**

### ТАЪЗИЯ

Раҳбарият ва кормандони Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба директори МД "Марказҳои машваратӣ ва омодагии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ" дар шаҳри Душанбе Норматов Диёр бинобар даргузашти

**модарашон**

ҳамдардии амиқ баён мекунанд.

***

Раҳбарият ва кормандони Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мутахассиси пешбари бахши робита ба ҷомеа Акбаров Хуҷаназар бинобар даргузашти

**падарашон**

ҳамдардӣ изҳор менамоянд.

**Раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Суғд: 834-22-6-51-99**

# ТАҚВИЯТИ ҲАМКОРИҲО БО МАҚСАДИ САФАРБАРКУНИИ МУТАШАККИЛОНА

**11 июли соли 2023 дар дафтари Намояндагии МДБ "Маркази сершуғли муҳоҷират"-и шаҳри Москва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мулоқоти Шаҳноза Нодирӣ - муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Нуждин Олег Николаевич - муовини якуми директори генералии Муассисаи давлатии буҷавии шаҳри Москва "Маркази сершуғли муҳоҷират" ва иштироки муовинони раисони шаҳрҳои Душанбе, Турсунзода, Ҳисор, Ваҳдат, ноҳияҳои И. Сомонӣ, Фирдавсӣ, Сино, Шоҳмансур ва Рӯдакӣ доир гардид.**



Зимни мулоқот масъалаҳои ҷалби муташаккилонаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани фаъолияти меҳнатии муваққатӣ дар ҳудуди Федератсияи Россия марвиди баррасӣ қарор гирифтанд.

Тибқи талаботи кордиҳандаи хориҷӣ омода намудани муҳоҷирони меҳнатӣ пеш аз сафар яке аз чорабиниҳои сафарбаркунии муташаккилона буда, ҷиҳати аз наздик шинос шудан бо шароиту имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, заминаҳои таълимӣ ва раванди омода намудани кадрҳои коргарӣ, ҳайатаи ҷониби Россия аз муассисаҳои давлатии таълимии шаҳри Душанбе, аз ҷумла, Литсейи касбии техникии сохтмон, Литсейи касбии дӯзандагӣ, Литсейи касбии политехникӣ ва МД "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" дидан намуданд.

Ҷонибҳо ҷиҳати фаъолияти самарабахши минбаъда созишномаҳо дар бораи ҳамкорӣ байни муассисаҳои таълимии болозикр ва Муассисаи давлатии буҷавии шаҳри Москва "Маркази сершуғли муҳоҷират"-ро ба имзо расониданд.

## Эълон!

Муассисаи давлатии Мактаби рақсии кӯдаконаи "Меҳрона" барҳам дода мешавад.

**Нашрияи "Шуғл ва муҳоҷират" ба маълумоти хонандагон мерасонад:**
Нафаре, ки аввалин шуда ҷавоби сканвордро дуруст пур карда, ба нашрия мерасонад, бо мукофотпулӣ қадрдонӣ карда мешавад.
Почтаи электронии мо - **Rrohnamo@mail.ru**; +992 93-483-36-36



Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Шуғл ва МУҲОҶИРАТ**

**ДУШАНБЕ - ШАҲРИ ГУЛҲО**



## ДУРУСТ НАВИСЕМ

**Эҳтиромона** не, дурусташ - муҳтарамона, ё бо эҳтиром.

**Арзи вуҷуд** доштанд не, дурусташ - арзи вучуд карданд, ё вуҷуд доштанд.

**Талаботро қаноат намекунад** не, дурусташ - талаботро қонеъ намекунад.

**Ноадолатона** не, дурусташ - ноодилона, ё беадолатона.

**Дар маъраз гузоштанд** не, дурусташ - ба намоиш гузоштанд.

**Дар мадди аввал** не, дурусташ - дар навбати (радифи) аввал.

**Ғайриимкон** не, дурусташ - ғайримумкин, номумкин.

**Маҳсуб меёбад** не, дурусташ - маҳсуб мешавад, ё ҳисоб меёбад.

**Муҳиммият** не, - аҳаммият.

**Боиси тазаккур, боиси ёдоварӣ** не, дурусташ - қобили тазаккур, қобили ёдоварӣ, ё лозим ба ёдоварӣ.

**Фаъолият бурдан, кор бурдан** не, дурусташ - фаъолият кардан, кор кардан.

**Ризоият** не, дурусташ - ризоят.

## АКСЕ, КИ ДУНЁРО ФАРО ГИРИФТ

Падар ба духтараш гуфт: «Агар хоҳӣ, ки зери масхараи мардум намонӣ, ба ҳеҷ кас магӯ, ки падарат фаррош аст».

Духтар акси бо падараш гирифтаашро дар шабакаҳои иҷтимоӣ пахн намуду дар зераш чунин нигошт: «Падари ман фаррош аст. Ӯ ифтихори ман аст. Дӯстат медорам, падарҷон!».

*Лола РИЗОӢ*

## ҚАЗОВАТ

Дар таваллудхона ду кӯдак: як писару як духтар, ки бо ҳам бисёр монанд буданд, ба дунё омаданд. Онҳоро паҳлуи ҳам дар рахти хоб гузоштанд. Баъд фаромӯш карданд, ки писару духтар ба кадом ин ду модар тааллуқ дорад. Бо санҷиши хун ҳам муайян намуда натавонистанд. Дар ин ҳол хирадманде, ки аз ҳикмати асрҳо хабар дошт, қазияро ба осонӣ ва зуд ҳал кард. Ӯ гуфт, ки шири ин ду модарро дар тарозу баркашанд. Шири модаре, ки вазнинтар аст, писар зодааст ва баръакс.

Воқеан, ғизонокии шири писар бештар мебошад ва аз ҳама фарқ мекунад.

**А. РАҲИМ**

## ЯК ЛАТИФА

Зан ҳаваси ҷарроҳии пластикӣ кард. Барои розӣ намудани шавҳар аз субҳ то шом хонаву дарро тоза намуда, хӯрокҳои дӯстоштаашро пухта, худро бо зару зевар оро дод ва омаданашро интизор шуд. Хӯроки шомро якҷо хӯрданду зан бо нозу карашма ба шавҳар гуфт:

- Азизам, дар Тоҷикистони худамон низ ҷарроҳии пластикӣ мӯд шуааст. Чанд нафарро дидам, ки пас аз ҷарроҳӣ ба куллӣ зебо шуданд. Шумо медонед-ку, чашмони бодомқавоқ дорам, биниам низ на он қадар хурд, миҷгон-ку тамоман надорам. Агар ҷарроҳӣ кунам, зебо мешавам. Розӣ шавед, хоҳиш мекунам.

Шавҳари зан ҷавоб дод:

- Занакҷон, чаро ин қадар худатро азоб медиҳӣ? Чашмам, биниам, миҷгонам... Роҳи осон ва хубтараш ҳамон калаатро якбора аз гарданат ҷудо кунанд, на ту азоб мекашиву на ман.

**Таҳияи ШОҲОНА**

**Муассис: Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Ҳайати мушовара:**

**Ҳасанзода Гулнора Кенҷа,** вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Давлатзода Қиёмиддин,** муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Нодирӣ Шаҳноза Анвар,** муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ализода Алишер Ҳиматуло,** муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Маҳмадзода Сафаралӣ Маҳмад,** сардори Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

**Нодирзода Иматшо,** сардори Хадамоти муҳоҷират

**Ашурализода Абдураҳмон Ашуралӣ,** директори Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ

Директори КВД «Рӯзномаи «Шуғл ва муҳоҷират»
**Фаррух Файзуллоев**

Сармуҳаррир
**С. Ёрмаҳмадзода**

Таррох
**Абдурозиқ Абунасрзода**

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии Ҳайати мушовараи вазорат маҳсуб намешавад.
Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.
Идора бо муаллифон мукотиба намекунад, дастхатҳоро бар намегардонад.

**Дар нашриёти ҶДММ «Фасл-4» чоп мешавад**

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти рақами 240\РЗ – 97 аз 16 марти соли 2021 номнавис шудааст.

**Нишонӣ:**
шаҳри Душанбе, кӯчаи Алишер Навоӣ, 5/2, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**тел: 2503243**

**Обуна ба рӯзнома тамоми сол идома дорад ва дар ҳамаи нуқтаҳои алоқа қабул карда мешавад.**
**Индекс 68959**

**Почтаи электронии мо- Rrohnamo@mail.ru**

## ОБУНА – 2023

“Шуғл ва муҳоҷират” - оинаи кор, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

Суратҳисоби дохилӣ: С/Ҳ 20202972740003103000, К/Ҳ 20402972316264, КИБ 350101626, РМА 040003282. КВД «Рӯзномаи «Шуғл ва муҳоҷират».

Филиали №03 Амонатбонк дар ноҳияи Синои ш. Душанбе.
Арзиши солонаи як нусха – 150 сомонӣ аз тариқи суратҳисоби нашрия.

**Нашрияи «Шуғл ва муҳоҷират»: 250-32-43**